«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
профессор Усмонзода А.И.
_______________________________
«_10_» ___09___ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи муштараки кафедраи “Идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг” ва кафедраи “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба анҷом расонида шудааст.

Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна, соли таваллуд 19.09.1981, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2002 факултети кибернетикаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯи ихтисоси “Муносибатҳои иқтисодии байналҳалқӣ” ва соли 2006 ҳамин донишгоҳро аз рӯи ихтисоси “Системаҳои автоматикунонидаи коркарди ахбор ва идоракунӣ” хатм намудааст. Аз соли 2009 то соли 2012 дар факултети кибернетикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳайси муҳандис-барноманависи кафедраи ҳифзи ахбор фаъолият намуда, аз соли 2012 то соли 2022 дар бахши БДА ҶТ “Амонатбонк” дар вилояти Суғд фаъолияти худро давом додааст. Аз моҳи августи соли 2022 то ҳоло дар Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар вазифаи сардори раёсати таълим фаъолият мебарад.

Аз соли 2020 (Ф.№831 аз 29.10.2020) ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул гардидааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 25.10.2022 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 15.02.2023 бо баҳои 5 (аъло) ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 20.05.2024 бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Мавзуи диссертатсияи Абдуллоева Г.А. дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз

санаи 30.09.2020, протоколи №2 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Қодирзода Абдураҳмон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмӣ тадқиқотии рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”.

Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар маҷлиси муштараки кафедраҳои «Идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг» ва «Баҳисобгирии мухосибӣ ва аудит»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 24 июни соли 2024 муҳокима гардид (суратҷаласаи №1).

**Муқарризони холис:**

**Азимов Абдумавлон Ҷалилович** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар ш,Хуҷанд;

**Абдулло-зода Дилором** - н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии мухосибӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

**Ҳусейнова Мавзуна Ворисҷоновна** - н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия**. Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳиму муосири арзёбии омории дифференсиатсияи сатҳи сохтмони манзил ва хусусиятҳои рушди он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, бо забони илмӣ иншо гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Сохтмони манзили истиқоматӣ фаъолияти муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар самти таъмини зиёдшавии талаботи аҳолӣ ба манзил ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Рушди соҳаи сохтмони манзил пеш аз ҳама ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, вазъи демографии мамлакат ва таъмини аҳолӣ бо манзили шахсӣ мусоидат намуда, такрористеҳсоли васеъи фондҳои асосиро таъмин менамояд. Рушди сохтмони манзил дар ҳар як давраи рушди иқтисодиёт дорои навгониҳоро дар самти иқтисодӣ-муҳосибӣ, техникӣ-технологӣ ва маводу масолеҳи сохтмонӣ дошта ба шароити кунунии зисти аҳолӣ мутобиқ гардонида мешавад ва ҳолати

мазкур имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолиро дар заминаи талаботҳои байналмилалӣ арзёбӣ намоем.

Нишондиҳандаҳои болоравандаи афзоиши аҳолии кишвар ва дар ин замина афзоиши талабот ба манзили истиқоматӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он таҳқиқии амиқи илман асосноки бозори манзили истиқоматӣ, инкишофи соҳаи сохтмони манзил, тафриқаи нишондиҳандаҳои онҳо ва дурнамои онҳоро дар даврони дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат тақозо менамояд. Барои коркарди низоми самараноки дастгирии соҳаи сохтмони манзил, ошкор кардани таъсири омилҳои гуногун, ки ба тағйирёбии шароити манзили аҳолӣ мусоиддат мекунад, зарурати гузаронидани таҳқиқоти омориро ба миён меорад. Дар ин замина, баргузории таҳлили муқоисавии ҳолат ва тамоюли рушди соҳаи сохтмони манзил, ояндабинӣ ва рушди индикаторҳои он дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он эҳсос гардида, мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро муайян намудааст. Бинобар ин таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзуъҳои муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шиносномаи ихтисоси (08.00.08.01 – Омор) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, тахти №392), Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159), Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз «27» майи соли 2020, №293), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 15 марти соли 2016, №1299, инчунин, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар мавзуи «Муаммоҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёт дар фазои иқтисодиёти рақамӣ» иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот ин тақзият ва тавсеаи ҷанбаҳои назариявию услубӣ, баҳодиҳии вазъ ва коркарди тавсияю пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар диссертатсия, масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфтааст:

1. Дар заминаи омӯзиш ва натиҷагирии муносибатҳои назариявӣ арзёбии иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил ва равандҳои ба он таъсиррасон;

2. Муайян кардани вазифаҳои асосии омӯзиши иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ ва марҳилаҳои таҳқиқоти омории он, пешниҳоди низоми нишондиҳандаҳои омории бозори манзил, арзёбии вазъи омории нишондиҳандаи дастрасии аҳолӣ ба манзил ҳамчун омили беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ;

3. Таҳлили омории тағйирёбии сохтмони манзил ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. Арзёбии омории дифференсиатсияи сатҳи сохтмони манзил ва хусусиятҳои рушди он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5. Омӯзиши омории вазъи кунунии сармоягузорӣ ба сохтмони манзил ва сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзил;

6. Муаммоҳои таҳияи моделҳои омории бисёрченакаи самаранокии сармоягузорӣ ба сохтмони манзил;

7. Таҳияи модели иқтисодӣ-омории рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил ваояндабинии омории рушди сармоягузориҳо ба сохтмони манзил.

**Объекти тахқиқот.** Объекти таҳқиқот аз таҳқиқи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории бозори манзили истиқоматӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-оморӣ иборат аст.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот таҳлили иқтисодӣ-омории нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи вазъи сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асоснок кардани зарурати рушди воситаҳои методологии таҳқиқоти омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар кишвар иборат мебошад, ки маҷмуи иттилооти боэътимод, саривақтӣ ва мувофиқро барои дастгирии таҳлил, арзёбии самаранокии таъмини аҳолӣ ба манзил ва омилҳоеро, ки ба ҳолат ва сохтори зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд, муайян намуда, инчунин танзими бозори манзил дар асоси натиҷаҳои омӯзиши омории тадбирҳои андешидашуда доир ба таъмин кардани аҳолӣ бо манзил ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ мегардонад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла оморшиносони хориҷию ватанӣ, ки ба таҳлили омории сохтмони манзил ва омӯзиши нишондиҳандаҳои он машғул шудаанд, ҳамзамон, маълумотҳои оморие ба шумор меравад, ки ҳолати бозори манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар макон ва замон таҷассум намуда, шароит ва омилҳои таъсиррасонро муайян мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ** усулҳои умумиилмӣ ва оморӣ, усули ҷамъбаст ва гурӯҳбандӣ, банизомдарории ҷадвалӣ, усулҳои графикӣ, низоми нишондиҳандаҳои вариатсионӣ, усули муқоисавии оморӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, усулҳои таҳлили регрессионӣ ва коррелятсионӣ, усулҳои индексӣ ваояндабинӣ ба шумор

мераванд.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниход кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки мукаммалгардонии методикаи таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил, таҳияи моделҳои омории бисёрченакаи самаранокии сармоягузорӣ ба сохтмони манзил, таҳияи модели иқтисодӣ-омории рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил, ояндабинии омории рушди сармоягузориҳо ба сохтмони манзил, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сохтмони манзили истиқоматӣ, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумотҳои таҳқиқоти буҷаи хонавода, маълумоти омории маҷмуаҳо, барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маълумотҳои таҳлилии Созмони Милали Муттаҳид, Кумитаи омори байнидавлатии Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ҳисоботҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Созмони ҷаҳонии меҳнат, маводи чопиву электронии Васоити ахбори омма, маводи илмии конфронсҳо ва дигар маълумотҳои муаллиф ба шумор мераванд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар заминаи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар давраи солҳои 2020-2024 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқикот**. Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерини унвонҷӯ ба ҳисоб мераванд:

1. Дар асоси таҳқиқи назарияҳои илмӣ мафҳумҳои омории сохтмони манзил ва бозори манзил дар шароити рушди иқтисоди муосир таҳия карда шудааст, ки тибқи он сохтмони манзили истиқоматӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии аҳолӣ, ташкили шароити мусоиди зиндагӣ ва барқарор кардани такрористеҳсоли аҳолӣ, беҳтар намудани вазъи психологӣ ва саломатии аҳолӣ, беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар макон ва замон шарҳ дода шудааст;

2. Вазифаҳои асосии омӯзиши иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил ва дастрасии аҳолӣ ба он ҳамчун нишондиҳандаи муҳим дар арзёбии беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамчун низом, нақши хоси ҳар як унсур ва зернизом дар стратегияи рушди муназзами омори сохтмони манзил, ҳаҷм ва усули тақсими захираҳо дар байни унсурҳо ва зернизомҳои бозори манзил муайян карда шуда, назорат аз болои фаъолият ва рушди сохтмони манзил муҳим арзёбӣ

мегардад. Ҳамзамон, рушди сохтмони манзил дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагиҳои хонаводаҳо ва дар ҳалли масоили баландбардории сифати зиндагии аҳолӣ, гурӯҳбандӣ ва усулҳои ҳисоби онҳо дар шароити рушди иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

3. Дараҷаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои омори сохтмони манзили истиқоматӣ дар минтақаҳои алоҳида ва дар маҷмуъ дар кишвар таҳқиқ гардида, ошкор шудааст, ки нишондиҳандаҳои сохтмони манзил дар минтақаҳои дурдаст ва вобаста ба даромади пулии хоҷагиҳои хонавода ва хусусиятҳои демографии минтақа бештар аз ҳисоби мавҷуд будани инфрасохтори иҷтимоӣ ва дастрасӣ марказҳои шаҳрҳо ва ин инчунин таъсироти онҳо ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таҳқиқ карда шудааст;

4. Тафовути нишондиҳандаҳои асосии сохтан ва ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ дар вобастагӣ аз вазъи сармоягузории дохили хориҷӣ дар минтақаҳои алоҳида ва хусусиятҳои онҳо таҳқиқ гардида, тағйиротҳои назаррас дар сохтори он дар минтақаҳо ошкор карда шудааст;

5. Шароиту омилҳои асосии таъсиррасон ба вазъи муосири сохта ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ дар минтақаҳо ва дар маҷмӯъ дар кишвар муайян карда шуда, модели регрессионӣ коркард ва ояндабинии нишондиҳандаҳои асосии сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва омилҳои асосии таъсиррасони он гузаронида шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Дар диссертатсия хулоса ва тавсияҳои назариявии илман асосноккардашуда оид ба таҳқиқи омории сохтмони манзил, муаммоҳои он дар шароити рушди иқтисодии миллӣ коркард карда шудаанд. Истифодаи усулҳои оморӣ дар таҳқиқи нишондиҳандаҳои сохтмони манзил пешниҳод шудааст, ки на танҳо дар раванди таълим инчунин дар фаъолияти илмию-амалӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта метавонанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида метавонад аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои танзимкунӣ ва рушди сохтмони манзил дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он истифода гарданд. Татбиқи муқаррароти таҳиягардида дар таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ, инчунин дар раванди таълими макотиби олӣ ва коллеҷҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои «Омори бозори манзил», «Омори иҷтимоӣ», «Омори иқтисодӣ» ва «Омори тиббӣ-демографӣ» истифода бурдан мумкин аст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи "Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 5,15. ҷ.ч. (аз муаллиф – 4,2 ҷ.ч.) нашр гардидааст. Аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот**. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», “Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд”, “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии «Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», ҳангоми тадриси фанҳои “Назарияи умумии омор” “Омори иқтисодӣ-иҷтимоӣ» ва “Омори демографӣ” (маълумотномаи №103 аз 11 июни соли 2024) дар истифода қарор дорад.

Метод ва усулҳои таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил, модели регрессионӣ, ки унвонҷӯ пешниҳод намуда аст, дар марҳилаҳои таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ, банақшагирии фаъолияти корхона ва ояндабинии нишондиҳандаҳои асосии сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, интихоби мавзеи сохтмон, асоснок намудани шумораи ошёнаи комплекси истикоматӣ истифода бурда мешавад. (маълумотномаи №123/1 аз 18 марти соли 2024).

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии довталаб аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян ва арзёбии вазъи муосири сохтмони манзили истиқоматӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар иборат аст, ки усулҳои омӯзиши иқтисодӣ-омории пурра ва ҳамаҷонибаи соҳаи сохтмони манзил, коркард, таҳлил ва пешниҳоди хулосаҳоро аз натиҷаи таҳқиқоти оморӣ дар бар гирифтааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, ба таври васеъ истифода бурд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИИ УНВОНҶӮ АБДУЛЛОЕВА ГУЛНОЗА АБДУҶАБОРОВНА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ (БО ЗАБОНИ АСЛӢ)

***а) мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1-М] Абдуллоева Г.А. Арзёбии омории динамикаи сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ. [Матн] /

Г.А.Абдуллоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2023 №3 (66) – С.79-88. ISSN 2077-4974.

[2-М] Абдуллоева Г.А. Омӯзиши асосҳои назариявии сохтмони манзил ва аҳамияти он дар беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ. [Матн] /Г.А.Абдуллоева, Қодиров А.Л., Дадоматов Д.Н.// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2023 №3 (66) – С.137-144. ISSN 2077-4974.

[3-М] Абдуллоева Г. Тадқиқоти омории бозори манзил. [Матн] /Г.А.Абдуллоева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. – 2024 №1. – С. 190-195. ISSN 2413-5151.

[4-М] Абдуллоева Г. Усулҳои арзёбӣ дар шароити ташаккули бозори манзил/ Г.А.Абдуллоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд. – 2024 №1 (68) – С.180-184. ISSN 2077-4974.

***б) мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо ба нашррасида:***

[5-М] Абдуллоева Г.А. Некоторые теоретические аспекты промышленно-инвестиционной стратегии по внедрению инноваций. [Матн] /Г.А.Абдуллоева, Ғ.Ҷурабоев, И.С.Ҳамидова// Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Танзими давлатии зиддибӯхронии бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноаткунонии босуръати кишвар”. Душанбе 26 сентябри соли 2022. С.33-39.

[6-М] Абдуллоева Г.А. К вопросу об инновационных аспектах моделирования реализации региональных инвестиционных проектов. [Матн] /Г.А.Абдуллоева, Пулотова Х.Ш.// Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Иҷлосияи 16-и Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол”. Хуҷанд 12 ноябри соли 2022. С.57-64.

[7-М] Абдуллоева Г.А. Самаранокии системаи иқтисодии амнияти иттилоотӣ. “Муаммоҳои ташаккулёби ва рушди иқтисодии рақами дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон”. [Матн] /Г.А.Абдуллоева// Маводи конфронси Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои ташакулёбӣ ва рушди иқтисодии рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе 18 ноябри соли 2022. С.310-313.

[8-М] Абдуллоева Г.А. Нақш ва мақоми соҳаи сохтмон дар инкишофи равандҳои сармоягузориҳои иқтисодиёти миллӣ. [Матн] /Г.А.Абдуллаева// Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ Ҷумҳуриявӣ “Саҳми олимони фанҳои дақиқ дар рушди саноаткунонии кишвар”. Хуҷанд 18 октябри соли 2023. С.461-470.

[9-М] Абдуллоева Г.А. Таҳияи модели иқтисодӣ-омории рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил. [Матн] /Г.А.Абдуллоева// Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди илмҳои дақиқ дар даврони истиқлол». Хуҷанд 3 апрели соли 2024. С.3-8.

**Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ тасдиқ гардидааст.

Унвонҷӯ дар диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки сохтмон – соҳаи пешбарандаи хоҷагии халқ буда, масъалаҳои ҳайётан муҳими сохтори азнавсозии базаи моддии ҳамаи захираҳои истеҳсолии мамлакат, ҳамзамон, рушди соҳаи ғайриистеҳсолиро ҳал менамояд. Аз самаранок кор кардани маҷмӯаи сохтмонӣ, суръати рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва баромадан аз бухрони глобалӣ вобастагии зиёд дорад (саҳ. 14 дисс).

Ҳолати истифодаи захираҳои сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда унвонҷӯ бомаврид қайд менамояд, ки сохтмони манзил дар амалкарди таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба манзил ва масъалаҳои иҷтимоӣ мусоиддат намуда, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Маҳдуд будани имконият ҷиҳати ҳалли масъалаи ба манзил вобастабуда, аҳолиро ба муҳоҷират водор намуда, боиси пайдоиши масъалаҳои нав дар бозори меҳнат мегардад. Дар ин замина, вобаста ба зарурияти манзил ва таъсири он ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳқиқи масъалаҳое, ки ба рушди сохтмони манзил вобаста аст, мубрам арзёбӣ мегардад.

Пас аз баррасӣ ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи "Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор, шунидани тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодиров А.Л., баромади муқарризи холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азизов А.Ҷ., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдулло-зода Д., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳусейнова М.В., маҷлиси васеъи кафедраи «Идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг» ва «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Дисссртатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи "Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08.01

– Омор пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи “Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфги дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор пешниҳод гардидаас, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо назардошти ислоҳи эродҳои ошкоргардида ба экспертизаи навбатӣ барои қабул ва ҳимоя ба шурои дисссртатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар маҷлис иштирок доштанд 18 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 18 нафар, аз онҳо 2 нафар д.и.и., профсссор аз рӯйи ихтисоси дисссертатсияи мухокимагардида.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

- «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраи «Идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг» ва «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит»-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 24 июни соли 2024, суратҷаласаи №1 кабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, дотсент** **Сатторова М.Р.**

**Котиб:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Абдураҳимов А.А.**

**Имзоҳои Сатторова М.Р., Абдурахимов А.А.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Наврӯзов Э.М.**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, телефон: (+992 3422) 6-52-73**
**Факс: (+992 3422) 6-75-18.**
**e-mail: hgu-rector@hgu.tj**

**«11» 09 2024 с.**